Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17)

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила дар мавзуи «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад. Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи тақризшаванда дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - «Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар замони муосир барои солҳои 2016-2020» ва «Масъалаҳои назариявии инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ барои солҳои 2021-2025» омода гардидааст.

Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Масъалаи эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар тамоми марҳилаҳои ташаккули давлатдорӣ ҳамчун масъалаи марказӣ ба ҳисоб рафта, дар осори олимони ватаниву хориҷӣ нуктаҳои ҷолиби диққат мунъакис гаштааст. Дар ҷаҳони муосир баробари ба дунё омадан, кӯдакону наврасон сарфи назар аз нигоҳубину ғамхориҳои атрофиён дар маърази таҳдиду хатароти зиёде қарор мегиранд. Набудани ҳимоя ва ғамхории зарурӣ нисбат ба кӯдакон, дар рушду нумӯи шахсияти ояндаи онҳо, муносибати онҳо бо дигар аъзои оила ва атрофиён таъсири манфӣ мерасонад. Тавассути давлатҳои мухталифи дунё дар роҳи таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар сатҳи байналмилалӣ бо қабули санадҳои гуногуни универсалӣ ва минтақавӣ торафт иқдомоти бештару муассиртар гирифта мешавад.

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ пайваста қайд менамоянд, ки таълим ва тарбияи кӯдакон яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Воқеан, кӯдакон ояндаи осудаву ободи ҳар як миллат, сарвати бебаҳои ҳар як оила, ҷомеа ва давлат ба шумор мераванд ва онҳо бахту саодати рӯзгори ҳар як падару модар мебошанд. Зеро ба дунё омадани тифл дар ҳар як оила хушбахтиву иқболи нек меорад ва чун зангӯлаи идомаи ҳаёт садо медиҳад, қайд кардаанд Пешвои миллат. Бинобар ин, таҳкими масъалаҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак ва паҳлуҳои дигари он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз пеш мубрам мебошад.

Кӯдакон имрӯз қариб дар тамоми давлатҳои ҷаҳон аз лиҳози таъмини ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ дорои мақоми афзалиятнок мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар ин миён истисно нест, зеро ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон ва шахсони ноболиғ яке аз самтҳои авлавиятноки сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Кӯдакон дар қатори маъюбон, пиронсолон, занони ҳомила ва афроди дорои мушкилоти равонӣ, бештар аз дигарон мавриди бархӯрди хушунатомез дар ҷомеа қарор мегиранд ва ба ин далел ба ҳимоя ва ғамхории махсус эҳтиёҷ доранд. Бинобар доштани хусусиятҳои синнусолии махсус, кӯдакон наметавонанд мустақилона ба таври лозим ба монанди шахсони калонсол ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя намоянд.

Аз ҷониби дигар, Ҳукумати Тоҷикистон баҳри таъмини озодӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак нақша-чорабиниҳои зиёди ташкилӣ-ҳуқуқиро таҳия ва татбиқ намуда истодааст. Ислоҳоти ҳуқуқӣ-сиёсӣ дар самти ҳифз ва ҳимоя намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ оғоз гардида, пайваста дар ҳолати рушд қарор дорад. Аз ин рӯ, омӯзиш, таҳлили илмӣ ва пешниҳодоти воқеъию мутобиқ ба талаботи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон ва ҷаҳон аҳамияти на танҳо илмӣ, балки зарурати амалӣ дорад ва метавонад таҷрибаи ҳуқуқтатбиққуниро такмилу ташаккул диҳад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъала оид ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон масъалаи мубрами илмӣ буда, омӯзиши эътирофи ҳуқуқҳои кӯдак дар тамаддуни гузашта, бартараф кардани норасоиҳои таърихӣ, рушд ва ташаккули қонунгузорӣ дар ин самтро дорост.

Ба ҳамин хотир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдакон воситаҳои махсуси ҳуқуқӣ

таъсис ва роҳандозӣ шудаанд. Бо ин асос, таҳқиқи масъалаи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак дар кишвар мубрамият пайдо намуда, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур саривақтӣ будани худро инъикос менамояд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотӣ, инчунин бо асосҳои назариявӣ ва методологии он низ аён мегардад, ки онҳо дар маҷмуъ ба муаллиф имконият додаанд, ки ҳамаи масъалаҳои баррасишаванда ба пуррагӣ мавриди омӯзиш, таҳлил ва хулосабарориҳои асоснок гардида, паҳлуҳои гуногуни он кушода дода шаванд. Аз ҷумла, ҳангоми таҳлили ҷанбаҳои умумии назариявии мавзуъ муаллиф ба соҳаи ҳуқуқи граждани, оилавӣ, меҳнатӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи граждани такя карда, таҷрибаи онҳоро дар амалияи истифодаи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқи кӯдак, қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак истифода кардааст, зеро бисёре аз ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла кӯдак, хусусияти байнисоҳавӣ дошта, онҳо дар доираи тамоми соҳаҳои ҳуқуқ омӯхта ва татбиқ карда мешаванд. Ё асосҳои методологии таҳқиқот аз маҷмуи методҳое иборат мебошанд, ки хусусияти мавзуи мавриди омӯзиш қарордошта – ҳуқуқи кӯдак ва ҳимояи онҳоро фаро мегирад. Ҳамзамон усули универсалии диалектикӣ, ки дар доираи он усулҳои умумии мантиқӣ, ба монанди таҳлил, синтез, индуксия, дедуксия, муқоиса, аналогия ва абстраксия истифода шудаанд. Илова бар ин, усулҳои низомномавӣ, сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ, мушаххасоти сотсиологӣ, муқоисаи ҳуқуқӣ, шарҳи мантиқӣ-расмӣ, таърихӣ истифода бурда шудааст.

Дар натиҷа пешниҳодҳои манзурнамудаи муаллиф муҳиму рӯзмарра буда, на танҳо барои донистани эътирофи ҳуқуқи кӯдакон аз нигоҳи таърихӣ, инчунин дар рушди илми ҳуқуқ ва такмили қонунгузорӣ дар бахши ҳифзи манфиатҳои онҳо саҳми арзанда мегузоранд. Бинобаар ин аксарияти нуктаҳои навгониҳои

диссертатсия навоварӣ дар мавзӯи таҳқиқшаванда буда, асоси кофӣ барои дастгирии муҳаққиқ ба дарёфти дараҷаи илмӣ мебошанд.

Аҳамияти илмии диссертасияи пешниҳодшуда беш аз ҳама, дар шиносоӣ бо таърихи ташаккулу рушд, муайян намудани шахсияти кӯдакон, ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо дар тамаддуни тоҷикон ва низоми қонунгузории имрӯза ифода меёбад. Дар баробари ин, муаллиф кушиш намудааст, ки дар заминаи омӯзиши тамаддуни халқи тоҷик махсусияти эътирофи ҳуқуқҳои кӯдаконро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ муайян намояд. Дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххас барои беҳтар намудани сифати танзими ҳуқуқии манфиятҳои кӯдакон ва роҳҳои ҳалли он пешниҳод карда шудааст. Дар сурати амалӣ шудани пешниҳоду тавсияҳои муаллиф, ки аҳамияти баланди илмӣ доранд, ин навовариҳо барои беҳтар гардидани вазъи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо ва манфиатҳои қонунии кӯдакон мусоидат мекунанд.

Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷ. аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тасияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Масоили назариявии таъмини ҳуқуқу озодиҳои кӯдак ва ҳифзи онҳо дар илми муосири ҳуқуқшиносӣ»** аз се

зербоб иборат аст, ки дар он масъалаҳои мафҳум ва вазъи ҳуқуқии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи кӯдак дар низоми ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия ба **«Инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории Тоҷикистон»** бахшида шудааст, ки аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия – «Асосҳои конституцсионии ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифтааст. Зербоби дуюми боби дуюм – «Таносуби ҳуқуқи кӯдак дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ» ном дорад. Муаллифи диссертатсия иброз медорад, ҳангоми таҳлили мушкилоти идоракунии меъёрӣ-ҳуқуқии механизмҳои татбиқи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон табиист, ки зарурати баррасии муфассали муқаррароти алоҳидаи меъёрҳои муҳим ба миён меояд. Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Механизмҳои ҳифз ва таъмини ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», муаллифи диссертатсия чунин қайд кардааст, ки кӯдакон ҳамчун қисми таркибии ҷомеа ба ҳимояву пуштибонии махсуси давлат ва ҷомеа ниёз доранд. Барои татбиқи меъёр ва принсипҳои муқарраршуда дар соҳаи ҳифзу ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон бояд механизми муассири таъмини риояи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дошта бошад.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назарӣ ва амалии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак муаллиф як қатор **хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро** манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бармеоянд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷамила дар муҳити илми

ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назарӣ ва амалии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мушкилоти муосири марбут ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, маҳдуд нашуда, балки бо заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии пайдоиш ва ташаккули ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик оғоз гардида, бо пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли мушкилоти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон ба фарҷом расидааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, қонунгузории давлатҳои алоҳида дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, инчунин аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назарӣ ва амалии ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро ифода менамоянд.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои мухталифи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории кишвар оид ба ҳуқуқи кӯдак асос меёбад.

Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ. Таҳқиқоти диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷамила аҳаммияти баланди илмӣ амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак истифода карда шуда, ҳамзамон барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумотҳо ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба институти ҳуқуқи кӯдак, роҳҳо ва механизмҳои ҳифз намудани он бадастомада мумкин аст, дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи граждани ва умуман илми ҳуқуқшиносӣ мавҷудбуда, истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи кӯдак истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати ҳифз ва манфиатҳои кӯдак аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, ҳуқуқи инсон, ҳуққуқи кӯдак, ҳуқуқи занон, ҳуқуқи конституцсионӣ, ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайра истифода бурда шаванд.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯй 13

мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷ. дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе масъалаҳоеро дарбар мегирад, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Диссертант дар рисолаи илмии худ таъкид менамояд, ки дар шароити муосир чанд роҳ ва самти боло бурдани самаранокӣ ва тақвиятбахшии раванди ҳифзи ҳуқуқи кӯдак вуҷуд дорад. Роҳу самтҳои мазкурро метавон ба сифати маҷмуи чорабиниҳо бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерин, аз ҷумла тақвияти асосҳои назариявии вазъи ҳуқуқи кӯдак, ҳалли баъзе аз мушкилоти вобаста ба таъмини ҳолати ҳуқуқии кӯдак, татбиқи ҳуқуқи вай дар таҷриба, инчунин, эҷоди механизмҳои нисбатан муассири таъмини манфиатҳои кӯдак муаррифӣ намуд (саҳ.5).

Аммо баъзе аз ин масъалаҳо дар таҳқиқоти гузаронидашуда ба пуррагӣ ҳалу фасл нашудаанд. Аз ҷумла, мафҳумҳое, ки дар моддаи 1 Кодекси тандурустии ҶТ оварда шудаанд: - кӯдакони ширмак (тифлон) – кӯдакони то 12 моҳа; - кӯдакони хурдсол – кӯдакони аз 1 то 3 сола; - кӯдаки маъюб – шахси маъюби то 18 сола, муқарраротҳои моддаҳои 45 ва 46 хамин Кодекс ва ғайра. Аз ин рӯ, агар муаллиф мушаххасан самтҳои боло бурдани самаранокӣ ва тақвиятбахшии раванди ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро бо назардошти ин мафҳумҳо дар ҳимояи ошкоро кушода медод хубтар мешуд.

2. Муаллиф қайд менамояд, ки «Бархе олимони дигар сарҳади поёнии синнусолиро лаҳзаи таваллуд муайян карда, мувофиқи мақсад

меҳисобанд, ки мафҳуми «кӯдак» танҳо ба кӯдаки аллакай таваллудшуда мансуб дониста шавад. Ба ин андеша метавон розӣ шуд, зеро кӯдаки таваллуднаёфта наметавонад ҳуқуқҳои худро мустақилона ва ё тавассути намояндагони худ ҳимоя намояд. Аз ин рӯ, андешаи мазкур асоснок ва қобили қабул аст, чунки ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдак аз лаҳзаи зинда таваллуд шудани вай имконпазир мегардад» (саҳ. 25 дисс.).

Бояд тазаккур дод, ки ин масъала аз ҷониби олимони ватанӣ низ мавриди таҳлил, омӯзиш ва хулосабарорӣ низ қарор дода шудааст, аммо ин паҳлуҳои масъала баҳснок боқӣ мондаанд. Агар мо имруз ба муқаррароти қисми 1 моддаи 1144-и Кодекси граждании ҶТ нигарем, тибқи он «Ворисон тибқи васиятнома ва бо қонун шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда ва ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда буда метавонанд». Ё ба муқаррароти қисми 1 моддаи 232-и Кодекси мадании ҶТ назар афканем, пас маълум мегардад, ки «Ҳаёти инсон аз лаҳзаи обистан шудан дар батни модар то марги ӯ ҳифз карда мешавад».

3. Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии ҷолиби диққатро ироа намудааст. Диссертант дар навгонии панҷуми назариявӣ таъкид менамояд, ки дар моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ҳуқуқи кӯдак ба шахсият номгузорӣ карда шудааст. Тавре аз мазмуни модда бармеояд, дар қатори ҳуқуқҳои шахсӣ насаб, ном ва номи падар, инчунин, ҳуқуқи кӯдак ба шаҳрвандӣ низ ҷойгир карда шудааст. Таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ин самт нишон дод, ки дар қонунҳои онҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ҳуқуқи кӯдак ба ном ва ҳуқуқ ба шаҳрвандии кӯдак дар моддаҳои алоҳида муқаррар карда шудаанд. Ба андешаи мо, хуб мешавад, ки ҳуқуқ ба шаҳрвандӣ аз таркиби моддаи 12 бароварда шуда, дар моддаи алоҳида муқаррар карда шавад. Аз пажуҳишгар

пурсида мешавад, ки вобаста ба пешниҳоди мазкур ба таҷрибаи кадом давлати хориҷӣ такя намудааст.

4. Диссертант дар саҳифаи 179 таҳқиқоти диссертатсионӣ зикр менамояд, ки ҳифзи ҳуқуқи кӯдак аз фароҳам овардани шароити лозим тавассути давлат барои таваллуд, таъмини ҳаёт, инкишофи ҳамаҷонибаи кӯдак ва кафолати риояи ҳуқуқу манфиатҳои вай дар ҷомеа иборат мебошад. Ин нукта ҳам санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ва ҳам механизмҳои амалкунандаи дар робита ба татбиқи санадҳои мазкур дар заминаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак дар соҳаҳои мухталифро дарбар мегирад. Хубтар мешуд, ки муаллиф дар робитаи ба масъалаи мавриди назар санадҳои дахлдори қонунгузорӣ ва ҳам механизмҳои амалкунандаи дар робита ба татбиқи санадҳои мазкур мунъакис менамуд.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Абдулхайрзода Ҷамила ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои

илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, рисолаи диссертатсионии Абдулхайрзода Ҷамила ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Муқарризи расмӣ:
мудири шуъбаи масоили назариявии давлат
ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.
Баҳоваддинови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ **Шозедов Х.Н.**

«15» марти 2023 с.

Суроғаи муқарриз:
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рудакӣ 33.
Тел: +992 (37) 221-03-28; (+992) 93 - 510-77-11
Email: bobojonov_i@mail.ru